# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Абдуллоева Мехринисо Менгуловна** дар мавзуи «Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ, пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 22 августи соли 2025, №14.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон** Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна»

Диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **аз 10-уми майи соли 2024**, №14.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Абдуллоева Мехринисо Менгуловна** 29 марти соли 1966 дар маҳаллаи Ш. Шоҳини шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст.

Ӯ аз соли 1974 то соли 1981 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ш. Кӯлоб таҳсил намудааст. Номбурда соли 1981 баъди хатми синфи 8-ум ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб аз рӯи ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ дохил шуда, онро соли 1984 хатм кардааст.

**Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** фаъолияти меҳнатии худро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз соли 1986 ба ҳайси ҳуҷҷатгузори шуъбаи ғоибона оғоз намудааст. Дар давоми фаъолияти меҳнатӣ соли 1989 ба шуъбаи ғоибонаи ихтисоси педагогика ва психологияи томактабии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 1994 хатм кардааст.

Номбурда аз соли 1993 то 1999 ба ҳайси лаборанти кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор кардааст.

Аз соли 1999 то 2009 ба ҳайси лаборанти калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор кардааст. Солҳои 2009-2011 ҳамчун методисти таълими ғоибонаи факултети забон ва адабиёти тоҷик фаъолият кардааст.

Соли 2009-2014 ассистенти кафедраи равоншиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз соли 2014 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психология фаъолият карда истодааст.

**Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии психология бо фармоиши №37 аз 18.03.2015 қабул гардида, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

**Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** мавзуи рисолаи номзадии худро соли 2014 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ намуда, зери роҳбарии д.и.п., профессор Ҳоҷимадова Гулчеҳра Масаидовна ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Бинобар сабаби истеҳсолӣ, яъне иваз гардидани объекти таҳқиқот ба мавзуи илмии худ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28.04.2023, №9/3-8 тағйирот ворид кардааст. Аз соли 2023 зери роҳбарии д.и.п., профессор Юнусова Нафисахон Муродовна ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ташкил додаанд.

**Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24.01.2025, №6 гузаронидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** имтиҳонҳои миннимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи рӯзи 02.07.2019 бо баҳои хуб, аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 08.10.2020 бо баҳои хуб ва имтиҳони ихтисос-психологияи педагогиро дар таърихи рӯзи 14.12.2024 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 20.01.2025, №2 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 3-юми июни соли 2024, суратҷаласаи №14.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 75,07% (бо назардошти иқтибосҳо 81,85%) ва 82,58% (бо назардошти иқтибосҳо 87,77%)-ро ташкил медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар таърихи 17-уми июли соли 2025 мутобиқ ба реестр ирсол карда шуд.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 7-уми июни соли 2025 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июни соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ:** Юнусова Нафиса Муродовна, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **муқарризони расмӣ: Бобоева Сайёра Бобораҷабовна**- доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва **Абдураҳмонов Гулруз Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои психологӣ, инструктори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Менеҷменти технологӣ” ба диссертатсияи **Абдуллоева Мехринисо Менгуловна** баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи **Абдуллоева Мехринисо Менгуловна** дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Олимов Тағойбек, ташхисгар, номзади илмҳои психологӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психологияи муассисаи мазкур Қурбонов Нуъмонҷон ва котиби ҷаласа Эмомназарова М. бо суратҷаласаи №14 аз 27.06.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло аз 01.07.2025 тасдиқ карда шудааст.

Такриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Хуб мешуд барои бисёр такрор нашудани баъзе калимаҳо аз ҳаммаънои мувофиқаш истифода менамуд;

2. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он муҳаққиқ тавсияҳои методиро барои психологону педагогҳо ва махсусан барои шахсони ба кумаки психологӣ эҳтиёҷдошта васеътар пешниҳод мекард, боиси пурмуҳтаво гаштани рисолаи илмӣ мегардид;

3. Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои китобатӣ ва имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста нагардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқотҳои минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқот ба кор барад.

Муассисаи пешбар дар хулосаи худ иброз доштааст, ки диссертатсияи **Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ мебошад.

**6 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Абдуллоева М.М. Пойдории оила – асоси рушди ҷомеа [Матн] / М.М. Абдуллоева//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2011. -1(5) – С. 55 -59.

[2-М] Абдуллоева М.М. Значение и роль психологии в таджикском вузе [Матн] / М.М. Абдуллоева//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 1(3). – 2013. – С. 194-196.

[3-М] Абдуллоева М.М. Андар мавриди баъзе сабабҳои ташаккулёбии хислатҳои баъди дуздӣ ва дурӯғгӯӣ дар кӯдакон [Матн] / М.М. Абдуллоева//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. – 2013, 1-2 (8-9). – С. 179-184 .

[4- М] Абдуллоева М.М. Баъзе сабабҳои хонавайронӣ ва таъсири манфии он дар пешрафти ҷомеа [Матн]/М.М. Абдуллоева//Паёми Донишигоҳи миллии Тоҷикистон. – №3/ 5 (173). – 2015 -С. 277- 281.

[5-М] Юнусова Н.М., Абдуллоева М.М. Мушкилоти иҷтимоӣ - психологӣ ва педагогии оилаи ҷавони муосир [Матн] / Н.М. Юнусова М.М. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – №4-1(33) – 2023. – С. 122 -128.

[6-М] Юнусова Н.М., Абдуллоева М.М. Психолого – педагогические аспекты и особенности студенческих семей [Матн] / Н.М.

Юнусова, М.М. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета». - №11 – 2024. – С. 258- 264.

**Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-002 аз номи шахсони зерин тақризҳои ғайрирасмӣ ба автореферати Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна ворид шудаанд:**

1. Латифзода Диловар, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов;
2. Мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои психологӣ Абдурашитов Н.Ф.;
3. Доктор PhD аз рӯйи ихтисоси психология, ассистенти кафедраи забонҳо бо курси иттилоотии компютерии ДТБКСТ ҶТ Шаҳнозаи С.Т;

Ҳамаи муқарризони автореферати **Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

**Ҳамзамон**, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Латифзода Диловар қайд кардааст, ки дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ шуданашон ба манфиати кор мебуд.

Номзади илмҳои психологӣ Абдурашитов Н.Ф. бошад қайд кардааст, ки 1) дар саҳифаҳои 4 ва такрори баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ба назар мерасад; 2) Хуб мебуд, ки матни диссертасия вобаста ба ҳаҷми масъалаҳои ҳалшаванда дар се боб ҷой дода мешуд (яъне кор аз 3 боб иборат мебуд); 3) Дар тарҷумаи автореферат баъзе ноҷуриҳо ба назар мерасад, хуб мебуд, ки вобаста ба қоидаи фаъолияти тарҷумонӣ матн таҳрир мешуд; 4) Дар таҳияи автореферати мавриди тақриз баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор мебошад.

Инчунин, доктор PhD аз рӯйи ихтисоси психология, Шаҳнозаи С.Т. дар тақризи худ қайд кардааст, ки 1) дар кор хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида карда мешавад; 2) Дар таҳқиқот бештар ба масъалаҳои равонию таълимӣ диққат дода шуд, вале баъзе масъалаҳои муҳими зиндагии шахсӣ, иқтисодӣ ё муҳити оилавии донишҷӯён ба таври кофӣ таҳлил нашудаанд.

Ҳамаи муқарризон дар тақризҳои худ барои автореферати рисолаи илмии **Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** қайд кардаанд, ки эродҳои дарҷшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста карда наметавонад.

Ҳамин тавр, дар асоси такризҳои озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна** дар мавзуи «**Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**» ба ҳимоя

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 3-юми июни соли 2025, №14.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навоварии илмии натиҷаҳои таҳқиқот.** Навоварии таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф дар нуктаҳои зерин таҷассуми худро ёфтаанд:

- консепсияи назариявии роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таҳия ва асоснок карда шуд, ки ин консепсия хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию психологӣ ва мушкилоти оилаҳои донишҷӯёнро дар бар гирифта, заминаи мукаммалро барои дастгирии онҳо фароҳам меорад;

- механизми рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён дар муҳити донишгоҳӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардидааст, ки он муайян кардани сохторҳои расмии идоракунӣ, худидоракунӣ ва муассисаҳои ёрирасон, шартҳои татбиқи самараноки дастгирии психологӣ-педагогиро муайян кардааст;

- шаклҳо ва самтҳои самарабахши ёрии психологӣ-педагогӣ ба оилаҳои донишҷӯён, аз ҷумла кори маҳфили оилавӣ, ки ба ташхис, машварат, тарбия ва рушди муносибатҳои оилавӣ нигаронида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ муайян ва асоснок гардиданд;

- самаранокии механизми таҳияшудаи роҳнамоии психологӣ-педагогӣ тавассути гузаронидани корҳои санҷишию озмоишӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тасдиқ гардида, натиҷаҳои он хулосаҳои амалӣ ва тавсияҳои методиро доро мебошанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- баъзе хусусиятҳои хоси муносибатҳои оилавии донишҷӯён ва мушкилоти онҳо дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст;

- механизми роҳнамоии психологӣ-педагогӣ барои рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкории самараноки

воҳидҳои сохторӣ, аз ҷумла маъмурият, хобгоҳҳо, марказҳои психологӣ-педагогӣ ва созмонҳои донишҷӯӣ ва роҳҳои бартарафсозии мушкилоти психологӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

- шаклҳо, самтҳо ва технологияи самараноки ёрии психологӣ-педагогӣ, ки рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯёнро таъмин карда, кори маҳфилҳои оилавӣ, ки он ба ташхис, машварат, тарбияи ҳамсарони донишҷӯ, ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, варзишӣ ба ташхис, машварат, тарбияи ҳамсарони донишҷӯ, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишӣ нигаронида шудааст, ҷоннок менамояд;

- самаранокии амсилаи таҳияшудаи роҳнамоии психологӣ-педагогӣ ҷиҳати рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён бо нишон додани сохторҳои асосии муассисавӣ (маъмурӣ, ҷамъиятӣ ва ихтиёриён), хусусиятҳои асосии робитаи байни онҳо ва шартҳои зарурии татбиқи бомуваффақият дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар:**

а) асосноккунии илмии зарурият ва истифодаи анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, имконият ва аҳамияти онҳо;

б) ошкор намудани нақши анъана ва урфу одатҳои оилавӣ дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

в) муаяйн ва ошкор намудани мафҳум ва мундариҷаи анъанаҳои оилавии тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷик дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо пешниҳод кардани фарзияҳо, тавсияҳои илмии барои тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оилавӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби падару модарон, мураббиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои кор бо ҷавонон, инчунин дар навиштани корҳои илмӣ, дипломӣ, реферат ва корҳои курсӣ истифода шаванд. Дар баробари ин, хулосаҳои бадастомадаро метавон дар донишомӯзии хонандагони макотибҳои миёна, литсейҳо, коллеҷу донишгоҳ, дар донишомӯзии падару модарон оид ба масъалаҳои тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, донишҷӯён, аспирантон ва дигар кормандони илм, ки ба ин мавзуъ эҳтиёҷ доранд, истифода бурд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқоти бадастомада** бо такя ба принсипҳои методологии тадқиқоти илмӣ-педагогӣ муайян карда мешавад; таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот дар сатҳи байнисоҳавӣ; истифодаи маҷмӯи методҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва коркарди маводи таҷрибавии ҳамдигарро пурракунанда; истифодаи методҳое, ки ба

масъалаи омӯхташаванда, ҳадаф ва вазифаҳои кор мувофиқанд; муҳлати кофӣ будан ҷиҳати ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбати тадқиқоти озмоишӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз муайян кардани мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуъ (предмет), фарзия, масъалаҳои баррасишавандаи таҳқиқот, асосноккунии мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат аст. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳоду хулосаҳои кори илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи диссертатсия мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳои муассисавӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ, сӯҳбату тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинар-машваратҳо оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда, муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методи кафедра ва қироати маърузаҳо дар конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шунида, баррасӣ карда шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 22-юми августи соли 2025, №14.3 қарор қабул кард, ки ба **Абдуллоева Мехринисо Менгуловна** дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар ҳайати Шуро 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 13 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест;
- бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

22.08.2025

ҶМ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ •